«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____________ Раҳмон Д.С.
«18» майи соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи **«Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ соли 2012 факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси «забон ва адабиёти тоҷик» хатм карда, солҳои 2017-2019 дар шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси «рӯзноманигорӣ» таҳсил намудааст. Вай баъди хатми магистратура соли 2020 таҳсилро дар зинаи докторантураи (PhD) идома дода, соли 2023 онро хатм кардааст.

Роҳбари илмии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика аз 28.11.2018, суратҷаласаи №4 ва дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи 25.12.2018, суратҷаласаи №5 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба докторанти фалсафа (PhD) Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ (транскрипт) додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Мавзуи кори таҳқиқии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ мубрам буда, дар он омӯзиши раванди ташаккули заминаи қонунгузорӣ, тавсифи вазъу ҳолати қонунгузорӣ, ки фаъолияти ВАО-и тоҷикро муайян мекунад, дараҷаи иштирок ва нақши сармояи хориҷӣ дар раванди эҷоди низоми ВАО-и тоҷик ва матбуоти ақаллияти миллӣ, ки зернизоми хоссаро ташкил мекунад, таҳқиқ шудааст.

Шароити имрӯзаи демократикунонии ҷомеа, ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ фаъолнокии васоити ахбори оммаро хеле такмил додааст. Ҷомеаи муосир, ки мехоҳад дар бораи рӯйдодҳои рӯз огоҳӣ дошта бошад, ба баланд бардоштани сатҳи дониши равандҳо на ба талаботи ҷаҳонӣ, балки ҳамчун ниёзи калон ба ВАО нигаронида шудааст.

Таҳаввули маводди васоити ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, амсилаи муосири матбуоти даврии тоҷик имкон фароҳам меорад, ки бинишу фаҳмиши мо оид ба қонуниятҳои рушди ВАО Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёбад ва хусусиятҳои медианизомҳои кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ дуруст таъин карда шванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-1997 марҳилаи гузариш ба амсилаи иқтисоди бозаргонӣ ба мушоҳида расида, ҳамчунин, низоми нави ҷомеаи демократӣ ташаккул ва рушд намуд. Дар ин марҳила ҷомеаи шаҳрвандиро парламентаризм ва бисёрҳизбӣ фаро гирифта, дар ҷумҳурӣ Ҷанги шаҳрвандӣ ҷараён дошт. Минбаъд заминаи қонунгузорӣ ташаккул ёфта, фаъолияти ВАО-и давриро муайян намуд. Илова бар ин, навъҳои асосии нашрияҳо ба вуҷуд омаданд ва ё такмил ёфтанд. Бо вуҷуди ин, матбуоти тоҷик ҳамчун қисмати таркибии медианизоми ҷаҳонӣ боқӣ монд.

Таъини вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шароити вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият аҳаммияти махсуси илмӣ дошта, таъини дурнамо ва масъалаҳои марбут ба маводди ВАО-и солҳои 1991-2020 дар фаҳму дарки бисёр нукоти норавшан ёрӣ расонида метавонад. Аз ин рӯ, мавзуии таҳқиқии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ **аҳаммияти вижаи илмӣ** дорад.

Мавзуи диссертатсияи мавриди назар ба доираи мавзуъ ва масоили таҳқиқии **шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рӯзноманигорӣ, хусусан, бандҳои 1, 7 ва 9-и** «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи мазкур

комилан **мувофиқат мекунад**. Мухтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни рӯзноманигории ватанӣ ва хориҷӣ метавон такя кард.

**Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ** ошкор намудани омилҳое мебошад, ки дар таҳаввулоти сохторӣ ва мазмунии ВАО-и тоҷик таъсиргузоранд. Аз ин ҷост, ки муаллифи диссертатсия барои расидан ба аҳдофи мазкур дар назди худ вазифаҳои мушаххас гузоштааст. Дар ҷараёни таҳқиқ ба омӯзиши раванди ташаккули заминаи қонунгузории амалкарди низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир гардида, ҳолати қонунгузории фаъолияти ВАО-и тоҷикро ба танзим дароваранда муайян карда шудааст. Ҳамчунин, раванди ташаккули низоми нави матбуоти даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, нақши сармояи хориҷӣ дар раванди эҷоди низоми ВАО-и тоҷик таъин карда шудааст.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** маводди ВАО, санаду ҳуҷҷатҳои расмии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (сабти матбуоти даврӣ, ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳо), маълумоти оморӣ (натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ, пурсишҳои сотсиологӣ) ва қонунҳое истифода шудаанд, ки фаъолияти ВАО-и нашриро ба танзим медароранд.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро дастоварду осори илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла М. Кастелс, М. Маклюен, Р. Негрин, Г. Першке, К. Фиоре, И.И. Засурский, Л.М. Землянова, С.Г. Мелник, И.К. Усмонов, Ҷ. Саъдуллоев, Яъқубов Ҷ.К., Суҳроби М., Боқиева Л.Ф., Н.Н. Солеҳов, А.Н. Нуралиев, М.Б. Муродов, М. Абдуллозода, Ш.Б. Муллоев, М. Муқимов, Р. Бобоҷониён, С. Хоҷазода, З. Муъминҷонов ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мазкур дар рӯзноманигории тоҷик нахустин кори таҳқиқии мукаммал доир ба таъини вижагиҳои гузариши ВАО аз вобастагӣ ба шакли озоду демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муаллифи

диссертатсия бо таъини мушаххасоти гузариши ВАО аз як низом ба низоми дигар собит намудааст, таҳқиқи амсилаи нави матбуоти даврӣ ва амалкарди он дар кишвари мо аз аҳаммият холӣ нест. Ҳамчунин, раванди таҳаввули матбуоти даврии тоҷик баррасӣ гардида, омилҳои асосии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муайян карда шудааст.

Диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ аз чанд ҷиҳат аҳаммияти илмӣ дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки кори таҳқиқии мазкур дар омӯзиши вижагиҳои шароити гузариши ВАО ва ё тағйири низоми интишори маводди матбуоти даврии муосир мусоидат карда, барои амиқтар омӯхтани равандҳои вобаста ба таҳаввулоти мазмунию моҳиятӣ, гузариш аз вобастагии ВАО ба матбуоти даврии озоду демократӣ дар шароитҳои ҷаҳонишавӣ мусоидат карда метавонад.

Маводди диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолот ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба вижагиҳои шароити гузариши ВАО метавон мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин, ба маводди диссертатсия дар ҷараёни омӯзишу таълими асосҳои журналистикаи тоҷик ва дарсҳои махсуси факултетҳои рӯзноманигории муассисаҳои олии таълимӣ метавон такя кард.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар 7 мақолаи муаллиф инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сафаралӣ, А. (Сафарализода, А.С.). Вижагиҳои мустақилгардии ВАО-и тоҷик [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №8. Қисми II. – С. 254-257.

[2-М]. Сафаралӣ, А. Баъзе масъалаҳои таҳқиқи назариявии гузариши ВАО-и вобаста ба мустақил [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 276-279.

[3-М]. Сафаралӣ, А. Заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули матбуоти даврӣ [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 308-312.

[4-М]. Саъдуллоев, Ҷ.М., Сафаралӣ, А.. Ожонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷамшед Саъдуллоев, Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №6. – С. 233-238.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Сафарали, А. Информационная политика и СМИ в Республике Таджикистан [Текст] / Абдуджаббори Сафарали // Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки. – Куляб, 2019. – №2 (23). – С. 123-128.

[6-М]. Сафаралӣ, А. Терроризм – доғи рӯз (андешаҳо дар асоси маводди матбуоти даврӣ) [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2019 бахшида ба солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ» (ш. Кӯлоб, 23-25 апрели соли 2020). – Кӯлоб, 2020. – С. 347-349.

[7-М]. Сафаралӣ, А. Нақши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ташаккул ва рушди матбуоти даврии тоҷик [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (ш. Кӯлоб, 3-юми майи соли 2025). – Кӯлоб, 2025. – С. 41-44.

**Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажӯҳиши давраҳои инкишофи рӯзноманигории тоҷик ва муттасилии анъанаҳои пешқадам дар он, қонуниятҳо ва тамоюлоти рушди методҳои эҷодӣ дар рӯзноманигорӣ,

таҳқиқи ВАО-и хориҷӣ, навъҳои ВАО ва вижагии фаъолияти онҳо ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кори таҳқиқӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии муаллиф дар таҳлилу баррасии мавод ва матолиби ВАО-и ватанию хориҷӣ, маъруза дар конференсияҳои сатҳи гуногун ва нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир меёбад.

Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқ ноил шудааст. Кафедраи журналистика рисоларо муҳокима карда, ба хулосаи зерин омад:

1. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, муҳтаво ва таркиби кор ба мақсаду мароми таҳқиқ мувофиқ аст.

2. Дар ҷараёни таҳқиқ муайян карда шудааст, ки заминаи қонунгузорӣ, ки фаъолияти васоити ахбори оммаи тоҷикро танзим мекунад, аксаран бо дарназардошти талаботи таъмини амалкарди муассиру корагари васоити ахбори омма дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, ки гузаштан ба он баъди худдорӣ аз иқтисоди нақшавӣ ба низоми хоҷагидорӣ зарурати воқеӣ шуда монд.

3. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардидааст, ки равандҳои таҳаввулот дар матбуоти тоҷик, ки ба пошхӯрӣ ва нузули низоми сотсиалистӣ ва оғози таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ алоқамананд, баъд аз соҳибистиқлолии кишвар дар самти ташаккули амсилаи тиҷоратии матбуоти даврии васоити ахбори омма оғоз ёфтаанд.

4. Муайян карда шудааст, ки нашриёҳои калони хориҷӣ таъсири ҳалкунанда ба ташаккули амсилаи тиҷоратии муосири матбуоти тоҷик расониданд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштироки мутахассисон аз муассисае, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ амал мекунад, қабул гардид.

Иштирок дошт: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратҷаласаи № 10, аз 15.05.2025.

**Раиси ҷаласа:**
доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи
ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент, мудири
кафедраи журналистика Алишери Абдулмаҷид.

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи
ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсенти
кафедраи журналистика Сафарзода М.Н.

Имзоҳои Алишери Абдулмаҷид ва
Сафарзода Манучеҳри Наҷотро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
Тел: (+992-33-22) 2-35-06.
E-mail: info@kgu.tj
15 майи соли 2025.